# ФАЪОЛИЯТИ ТҒТ.

## Доираи фазои ҳуқуқӣ

### *Оддӣ оиди мураккабиҳо 50+*

Душанбе -2017

# ФАЪОЛИЯТИ ТҒТ

## Доираи фазои ҳуқуқӣ

Душанбе -2017

**Тартибдиҳандагон**:

**Умед Қаландаров**, директор/мушовири калони ҳуқуқии Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ (ICNL) дар Тоҷикистон.

**Камо Петросян**, мушовири ҳуқуқии Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ (ICNL) дар Тоҷикистон.

Фаъолияти ТҒТ. Доираи фазои ҳуқуқӣ. Душанбе, 2017.

Маводҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳолати то 30.04.2017 пешниҳод шудаанд.

Нашрияи мазкур ба доираи васеъи хонандагон пешбинӣ шудааст. Он ба ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ташкилоти байналмилалӣ ва ғайриҳукуматии давлатҳои хориҷӣ, филиал ва намояндагии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқшиносон, инчунин нисбати онҳое, ки ба масоили ТҒҲ мароқ зоҳир менамоянд, манфиатовар хоҳад буд.

Маводҳои дар нашрия ҷой додашуда барои маълумоти умумӣ пешбинӣ гардидаанд ва аз ҷониби хонандагон набояд барои қабул ё рад шудани қарори муайян истифода гарданд. Ба хонандагон тавсия дода мешавад, ки пеш аз қабули қарор оиди масоили мушаххаси мавриди таваҷҷуҳ ба маслиҳати ҳуқуқии касбӣ муроҷиат намоянд.

Нашрия бо дастгирии молиявии Оҷонсии ШМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) аз рӯи Барномаи мукаммалгардонии фазои ҳуқуқӣ (ЕЗ) тибқи дархости ТҶ «Центр по правам человека» (ЦПЧ) омода гардидааст.

Нашрияи мазкур аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ аз тарафи ТҶ «Центр по правам человека» тарҷума карда шудааст.

© 2017, Тартибдиҳандагон

© Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ (ICNL)

**МУНДАРИЧА**

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА ТАЪСИС ВА ФАЪОЛИЯТИ ТҒТ ДАР ТОҶИКИСТОН

2. МАСЪАЛАҲОЕ, КИ БО ПЕШБУРДИ КОРГУЗОРӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ТҒТ АЛОҚАМАНДАНД

3. МАСЪАЛАҲОИ АЛОҚАМАНД БА АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ ТҒТ

4. МАСЪАЛАҲОИ АЛОҚАМАНД БА САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ ТҒТ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА ТАЪСИС ВА ФАЪОЛИЯТИ ТҒТ ДАР ТОҶИКИСТОН

### *1. Шакли дурусти ТҒТ-ро чӣ гуна интихоб кард?*

Барои интихоби дурусти шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, дарки оне, ки Шумо ташкилоти ғайритиҷоратиро барои чӣ таъсис медиҳед, зарур аст. Барои сароғоз яке аз ҳадафҳои зеринро интихоб кунед: Шумо мехоҳед одамонро муттаҳид кунед ва кори фоиданоки ҷамъиятиро дар ҳамбастагӣ анҷом диҳед, ё Шумо мехоҳед онро мустақилона анҷом диҳед.

Ҳангоми интихоби ҳадафи якум, ба Шумо зарур аст шакли ташкилӣ-ҳуқуқиеро интихоб кунед, ки ба аъзогӣ асос ёфта бошад. Дар шароити муосир ба сифати чунин ташкилот ташкилоти ҷамъиятӣ ва ассосиатсияҳо (иттифоқҳо) баромад мекунанд.

Агар интихоби Шумо ҳадафи дуюм бошад, зарур аст дар чунин шакли ТҒТ - ҳаракати ҷамъиятӣ, фонд ва муассиса қарор гиред.

### *2. Дар ТҒТ кадом ҳуҷҷатҳои таъсисӣ бояд бошад?*

ТҒТ ба монанди шахсони ҳуқуқӣ танҳо дар асоси оинннома ё шартномаи муассисон ва оинннома фаъолият менамоянд. Ин аз намуди ТҒТ вобаста аст:

Ташкилоти ҷамъиятӣ танҳо дар асоси оинннома фаъолият менамояд.

Ассосиатсияҳо (иттифоқҳо)-и шахсони ҳуқуқӣ дар асоси оинннома ва шартномаи муассисон фаъолият мекунанд.

Фондҳо ва муассисаҳо вобаста ба шумораи муассисон метавонанд дар асоси оинннома ё оинннома ва шартномаи муассисон фаъолият намоянд. Ташкилоти аз ҷониби як муассис таъсис ёфта дар асоси оинннома, ки аз ҷониби муассис тасдиқ карда шудааст, фаъолият мекунад. Дар ин ҳолат баста шудани шартномаи муассисон талаб карда намешавад.

### *3. Ба чӣ бояд диққат зоҳир карда шавад?*

Зарур аст ба сохтори ташкилоти Шумо чӣ гунае, ки дар оинннома нишон дода шудааст, ба тартиби ташаккули мақомоти идоракунӣ, интихоб ё таъин шудани онҳо диққат зоҳир карда шавад.

Бояд тартиби таъини мақомоти иҷроия, яъне директор ҳаллу фасл карда шавад. Дар ташкилоти ҷамъиятӣ мақомоти иҷроияро Маҷлиси умумии аъзоён интихоб мекунад.

Дар оинннома муҳлати салоҳияти директор ҳамчун қоида ба муддати се ё панҷ сол муқаррар карда мешавад. Дар ин маврид ташкилоти ҷамъиятиро зарур аст тартиби таъин ва тамдид кардани муҳлати салоҳияти директори амалкунандаро ба тарви дахлдор ба расмият дарорад.

Тамдид кардани муҳлати салоҳияти директори амалкунанда ё таъини директори нав тибқи расмиёти дар оинннома пешбинӣ шуда амалӣ карда мешавад. Қайд кардан муҳим аст, ки Маҷлиси умумӣ интихоб ё аз нав интихоб шудани директорро бояд тавассути протокол ба расмият дарорад. Ҷой надоштани протокол маънои дар директор набудани салоҳияти мақомоти иҷроияро дорад ва мутобиқан фаъолияти он ғайриқонунӣ дониста мешавад.

### *4. Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои таъсисии ТҒТ талаботи махсус ҷой доранд?*

Дар оиннома ва ҳуҷҷатҳои дигари таъсисии ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бояд муайян карда шаванд[1]:

- *номи ТҒТ;*
- *маҳалли ҷойгиршавӣ;*
- *предмет ва мақсади фаъолият;*
- *тартиби идоракунии фаъолият.*

Дар оиннома ҳамчунин мумкин аст маълумоти дигаре низ нишон дода шавад, ки бо қонунгузорӣ оид ба ТҒТ-и дахлдор муқаррар шудааст. Масалан, оинномаи фонди ҷамъиятӣ ба истисно маълумоти дар боло зикршуда, инчунин бояд дар бар гирад[2]:

- *муқаррарот дар бораи мақомоти фонд, аз ҷумла Шӯрои васояти фонд;*
- *тартиби таъин ва озод кардани шахсони мансабдори фонд;*
- *маълумот дар бораи тақдири молу мулки фонд ҳангоми барҳам хӯрдани он.*

Дар оинномаи ташкилоти ҷамъиятӣ бояд бандҳои зерини ҳатмӣ пешбинӣ карда шаванд[3]:

- *ном, мақсади иттиҳодияи ҷамъиятӣ, шакли ташкилию ҳуқуқии он;*
- *сохтори иттиҳодияи ҷамъиятӣ, мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтиши иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳудуди фаъолияти ҳамин иттиҳодияи ҷамъиятӣ;*
- *шартҳо ва тартиби пайдо ва гум кардани узвият дар иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзои ин иттиҳодия (танҳо барои иттиҳодияҳое, ки узвиятро пешбинӣ менамоянд);*
- *салоҳият ва тартиби ташкили мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ, мӯҳлат ва ваколати онҳо, маҳалли ҷойгиршавии мақомоти доимии роҳбарикунанда;*
- *тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;*
- *сарчашмаҳои ташаккули маблағҳо ва дигар молу мулки иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳуқуқи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва намояндагиву филиалҳои он оид ба идоракунии амвол;*
- *тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ.*

Муассисон метавонанд дар оинномаи ТҒТ ба истиснои маълумоти ҳатмии дар боло зикргардида инчунин маълумоти дигарро низ пешбинӣ намоянд.

### *5. Фаъолияти ТҒТ-ро кӣ идора менамояд? Нақши мақомотҳои идоракунанда дар ТҒТ?*

Масоили асосии идоракунии ТҒТ тибқи қонунгузорӣ ба салоҳияти истисноии муассис ё мақомоти олии идоракунии дастаҷамъона: маҷлиси умумии аъзоён, раёсат

[1] Моддаи 5 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.1999 (минбаъд КГ ҶТ)
[2] Моддаи 130 КГ ҶТ
[3] Моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 19.05.2017 (минбаъд Қонун дар бораи ТҶ)

анҷуман, президиум дохил карда шудааст. Тамоми талабот нисбати мақомоти идоракунӣ бояд дар оиннома муайян карда шавад.

ТҒТ бояд низоми амалкунандаи идоракунии дохилиро, ки то андозае ба низоми идоракунии сектори давлатӣ шабоҳат дорад, дошта бошанд. Дар сектори давлатӣ идоракунӣ ба усули мувозинат ва боздорӣ байни шохаҳои гуногуни ҳокимият асос ёфтааст.

Дар ТҒТ идоракунӣ бояд тақрибан бо чунин нақша сурат гирад. Ташкилот, гуфтан мумкин аст идоракунии бовиҷдононаро таҷриба менамояд, агар дар он низоми дохилии мувозинат ва боздорӣ, ки риояи манфиатҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд, ҷой дошта бошад.

Идоракунии ТҒТ ба усулҳои демократии идоракунӣ бо роҳи тақсимоти вазифаи роҳбарии умумӣ ва мененҷмент ва тақсими салоҳият байни онҳо, асос ёфтааст. Усули мазкур барои боздории таъсири як инсон ё гуруҳ, таъмини идоракунии беҳтарини захираҳо, инчунин барои аз ҷониби ташкилот ба таври бечунучаро пайгирӣ шудани ҳадафҳо, имкон медиҳад.

### *6. Дар ТҒТ бояд чанд мақомоти идоракунӣ мавҷуд бошад?*

Идоракунии самараноки ташкилот дар мавриде рӯи кор омада метавонад, ки агар ҳар як мақомот вазифа ва доираи масъулияти худро дарк намояд. Бо ин мақсад салоҳияти мақомоти идоракунӣ бояд дар оинномаи ташкилот ба таври ҷузъӣ нишон дода шавад. Барои аксар ТҒТ-и дар Тоҷикистон фаъолияткунанда, бо мақсади дар амалия рӯ ба рӯ наомадан бо мушкилот, тақсимоти салоҳият байни мақомоте, ки аз нигоҳи қонун ҳатмӣ дониста мешаванд, кофист. Бинобар ин, таъсис дода шудани мақомоти иловагӣ зарур нест.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" чӣ гуна будани сохтори ташкилоти ҷамъиятиро ба қадри кофӣ мушаххас муайян менамояд, ки иҷроиши онро дар амалия бидуни мушкилот таъмин менамояд. Дар оинномаи ташкилоти ҷамъиятӣ мақомоти олии идоракунӣ будани Маҷлиси умумии аъзоён бояд ба таври ҳатмӣ нишон дода шавад. Маҷлиси умумии аъзоён дар як сол на кам аз як маротиба даъват карда мешавад. Дар давраи байни ҷаласаҳои ҳарсолаи Маҷлиси умумии аъзоён нақши фаъолро бояд Раёсат, мақомоти дастаҷамъонаи доимоамалкунанда иҷро намояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки оинномаи ташкилот функсияҳои Раёсатро ба таври ҷузъӣ дарҷ намекунад. Муттасифона, Маҷлиси умумии аъзоён ва Раёсат аксаран аз кормандони ТҒТ таркиб ёфтаанд. Бинобар ин Идоракунӣ ва Мененҷмент аз ҳамдигар фарқ намекунанд, ки ин дар ташкилот низоми мувозинат ва боздориро халалдор месозад.

Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати мақомоти идоракунии намудҳои дигари ТҒТ муқаррароти умумӣ ҷой дорад, лекин нисбати салоҳияти онҳо тавзеҳот дода нашудааст. Масалан, дар Кодекси гражданӣ нишон дода шудааст, ки ба сифати мақомоти идоракунӣ дар Фонд Шӯрои васоят баромад мекунад. Лекин, дар хусуси ҳадаф ва салоҳияти он тавзеҳоти мушаххас ҷой надорад. Зиёда аз ин байни салоҳияти роҳбар ва муассисони фонд сарҳад гузошта нашудааст. Ҳамаи ин вобаста ба мазмуну моҳият ба он оварда мерасонад, ки функсияи идоракунӣ бинобар сабаби ҷой

надоштани сарҳади мушаххас байни мақомоти фонд, аз ҷониби ягон шахс иҷро карда намешавад.

### *7. Шӯрои васоят чист ва он ба кӣ лозим аст?*

Шӯрои васоят мақомоти дастаҷамъонаи назоратӣ оид ба фаъолияти ташкилот мебошад. Ин мақомот танҳо нисбати як шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ТҒТ - Фонд ҳатмӣ мебошад. Шӯрои васоят тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон назоратро аз болои фаъолияти Фонд, аз ҷониби мақомоти дигари Фонд қабул шудани қарор ва таъмини иҷроиши онҳо, истифодаи воситаҳои Фонд ва риоя шудани қонунгузории амалкунанда, ба амал мебарорад.

Шӯрои васоят фаъолияташро дар асоси ҷамъиятӣ ба амал мебарорад. Фонд дар тҷриба бо мақсади боло бурдани боварӣ нисбати худ ва пайдо намудани дастгирӣ ба ҳайати Шӯрои васоят одатан шахсонеро шомил менамояд, ки дар ҷомеа соҳиби обрӯ ва эҳтиром ҳастанд ё дар ин ё он соҳа коршиносанд.

### *8. Комиссияи тафтишӣ чист он ба кӣ лозим аст?*

Комиссияи тафтишӣ (санҷишгар) мақомоти назораткунандаи фаъолияти ТҒТ мебошад. Ин мақомот нисбати ташкилоти ҷамъиятӣ ҳатмист. ТҒТ боқимонда ҳуқуқ доранд дар оиннома, тибқи салоҳдиди муассисон таъсис ва фаъолияти Комиссияи тафтиширо пешбинӣ намоянд. Комиссияи тафтишӣ мақомоти мустақил буда, танҳо дар назди мақомоти олии идоракунӣ, баъди гузаронида шудани санҷиши фаъолият ё ҳуҷҷатгузории ташкилот, ҳисоботдиҳанда мебошад.

Ба салоҳияти Комиссияи тафтишӣ барасмиятдарории воридоти воситаҳои пулӣ ва дигар молу мулк, тартиби хароҷоти воситаҳо, барасмиятдарории муносибатҳои меҳнатӣ дохил мегардад. Ба санҷишгар дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои хазинавӣ ва бонкӣ, ҳуҷҷатҳои кадрӣ ва муҳосибӣ ва ҳисоботи андозӣ таъмин карда шавад. Аз ҷониби санҷишгар ҳамчунин дурустии барасмиятдарории онҳо мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

Номгӯи ҳуҷҷатҳои санҷидашуда ва қонуншиканиҳои ошкоргардида дар Санади санҷиши назоратӣ-тафтишӣ дарҷ карда мешаванд.

### *9. Ҳамаи ТҒТ барои ба қайд гирифтани грантҳо уҳдадоранд?*

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” ва Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи кӯмакҳои башардӯстона[4], иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин филиал ва намояндагиҳои ташкилоти ғайритиҷоратии хориҷӣ, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта шудаанд, уҳдадоранд кӯмаки аз сарчашмаҳои хориҷӣ гирифташударо ба қайд гиранд.

ТҒТ, ки бо тартиби муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” ба қайд гирифта шудаанд, масалан, аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, фондҳои хайриявӣ ва дигар

---

[4] Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи кӯмакҳои башардӯстона аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2016, №149.

фондҳо[5] барои бо тартиби Феҳристи кӯмакҳои башардӯстона ба қайд гирифтани кӯмаки гирифташуда уҳдадор нестанд, зеро фаъолияти онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" ба танзим намедарорад.

Дар Феҳрист ба қайд гирифтани кӯмак бо тартиби хабардоркунӣ сурат мегирад, яъне қабул ва истифодаи кӯмакҳо иҷозати Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб намекунад. Лекин, лоиҳаҳое, ки аз ҳисоби кӯмакҳои қабулшуда маблағгузорӣ мегарданд, метавонанд аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ танҳо баъди огоҳонида шудани Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гарданд.

### *10. Кадом кӯмакҳо дар Феҳрист ба қайд гирифта мешаванд?*

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти бақайдгирӣ қарор мегиранд: грантҳо, пардохтҳои ихтиёрӣ, хайрияҳо ва дигар молу мулке, ки аз давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, субъектони хориҷӣ, ташкилоти байналмилалӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, инчунин аз дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гирифта шудаанд[6].

Мафҳуми молу мулки таҳти бақайдгирӣ қароргиранда ба қадрӣ кофӣ васеъ аст. Таҳти мафҳуми "молу мулк" мумкин аст чӣ воридоти пулӣ ва чӣ кӯмаки моддии дар шакли ғайрипулӣ ифодаёбанда фаҳмида шаванд. Дар ин маврид, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" ва Тартиб арзиши камтарини молу мулкеро, ки таҳти бақайдгирӣ қарор мегиранд, муқаррар накардааст. Пардохтҳои ихтиёрӣ ё хайрияҳо новобаста аз андозаи маблағ, миз ё курсие, ки ба ташкилот интиқол дода мешаванд, бояд бо ҳамон тартибе, ки нисбати грантҳо ба маблағи 20 000 доллари ШМА ё зиёда аз он муқаррар шудааст, ба қайд гирифта шаванд.

### *11. Кадом сарчашмаҳои интиқоли кӯмак ба қайд гирифта мешаванд?*

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ"[7] пардохтҳои ихтиёрӣ ва хайрияҳо, грантҳо, молу мулке, ки аз тарафи давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шахсони ҳуқуқие, ки бо иштироки субъектҳои хориҷӣ таъсис ёфтаанд, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, инчунин ба воситаи дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ворид шудаанд, таҳти бақайдгири Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (мақомоти бақайдгиранда) дар Феҳристи кӯмакҳои башардӯстона қарор мегиранд. Ин маънои онро дорад, ки ҳамагуна маблағҳое, ки аз сарчашмаҳои хориҷӣ бевосита ё бавосита гирифта шудаанд, ба қайд гирифта мешаванд.

Ба сифати сарчашмаҳои хориҷӣ инчунин шахсони ҳуқуқии ватание низ баромад менамоянд, ки иштирокчиён ё муассисони онҳо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд. Масалан, ширкатҳои ватании "Beeline", "Мегафон", "Tcell" ва ширкатҳои дигаре, ки дорои сармояи хориҷӣ мебошанд.

---

[5] Моддаи 50, қисми 3 КГ: Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, кооператсияи матлубот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, муассисаҳои аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, фондҳои хайрия ва фондҳои дигар, инчунин дар дигар шаклҳои пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд.

[6] Банди 1 Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи кӯмакҳои башардӯстонаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2016, №149 (минбаъд Тартиб).

[7] Модаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ».

### *12. Тартиби пешниҳоди огоҳинома чӣ гуна аст?*

Огоҳинома мумкин аст аз ҷониби намояндаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ шахсан ба корманди масъули Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тавассути почта бо мактуби расмӣ, бо огоҳинома оиди супорида шудани он тавассути телеграмма, факс ё бо истифода аз воситаҳои дигари алоқа, пешниҳод карда шавад.

Тартиб имкон медиҳад мақомоти бақайдгиранда дар хусуси як лоиҳаи комил бо як мактуби расмӣ огоҳонида шавад. Ин зарурати дар ҳар як давраи гирифтани кӯмак бо ҳамон як лоиҳа, огоҳонидани мақомоти бақайдгирандаро аз байн мебарад[8]. Бо назардошти он ки дар Вазорати адлия ҳанӯз маҳзани иттилоотӣ вуҷуд надорад, аз ин хотир зарур аст мақомоти бақайдгиранда танҳо баъди ба суратҳисоби ташкилот ворид шудани воситаҳои пулӣ огоҳонида шавад. Мувофиқи таҷриба огоҳонидани мақомоти бақайдгиранда баъди ба суратҳисоби ташкилот ворид шудани воситаҳои пулӣ, барои бартараф кардани ҳаргуна мушкилот қобили қабул диниста мешавад.

Тартиб тавассути почтаи электронӣ фиристода шудани огоҳиномаро истисно намесозад, аммо барои ин Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд механизми махсусро коркард намояд, ки он дар шароити имрӯза ҳанӯз коркард нашудааст.

### *13. Ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардани огоҳинома*

Тибқи Тартиб ҳамагуна кӯмаке, ки аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ гирифта мешаванд, бояд дар Феҳристи кӯмакҳои башардӯстона дар муддати даҳ рӯз аз рӯзи гирифтани он, бо роҳи пешниҳоди огоҳинома ба Вазорати адлия, ба қайд гирифта шаванд.

Роҳбари иттиҳодияи ҷамъиятӣ барои дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод накардани огоҳинома дар бораи гирифтани кӯмак, ҷавобгариро ба зимма мегирад. Лекин, қонунгузорӣ мушаххас муайян накардааст, ки маҳз кадом намуди ҷавобгарӣ. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҲМ) дар шароити муосир нисбати роҳбарони ташкилот ҷавобгариро пешбинӣ намекунад. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқан наметавонад то ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба КҲМ, нисбати роҳбарони ташкилот ҷавобгариро мустақилона муқаррар намояд.

### *14. Маҳдудият нисбати фаъолияти ТҒТ аз рӯи ҳудуд вуҷуд дорад?*

Маҳдудияти фаъолият аз рӯи ҳудуд танҳо ба ташкилоти ҷамъиятӣ тааллуқ дорад. ТҒТ-и дигар, аз ҷумла фондҳо, ассосиатсияҳо ё муассисаҳо метавонанд фаъолияти худро новобаста аз маҳалли бақайдгирии давлатӣ, дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон ба амал бароранд.

Мақоми ҳудудии иттиҳодияи ҷамъиятӣ барои муайян кардани ҳудуди фаъоли-яти он ва мутобиқан барои мақомоте, ки дар хусуси бақайдгирии давлатии он қарор қабул кардааст ва нисбати фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ назоратро ба амал мебарорад, аҳамияти муҳим дорад.

Иттиҳодияи ҷамъиятӣ тибқи қонунгузорӣ ба намудҳои зерин: байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешавад.

[8] Банди 8 Тартиб аз 31.03.2016, №149.

Ташкилоте, ки ҳамчун ташкилоти маҳаллӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, метавонад фаъолияти худро тибқи ҳадафҳои оинномавӣ, дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии муайян: вилоят, шаҳр ва ноҳия ба амал барорад. Вобаста ба ин, ташкилотро зарур аст ҳангоми амалӣ намудани фаъолият дар ҳудуди дигар, азнавбақайдгириро гузарад ё ин ки бо ташкилоти дигар дар бораи амалӣ намудани фаъолият дар ин ҳудуд, ба таври дахлдор муносибати шариконаро ба расмият дарорад. Дар ҳолати акс амалӣ кардани фаъолият берун аз доираи ҳудуд, ки бо оиннома нишон дода шудааст, хилофи фаъолияти оинномавӣ дониста мешавад.

### *15. Барои гузаронидани семинар гирифтани иҷозатнома талаб карда мешавад?*

Дар ҳолате, ки агар ТҒТ ба фаъолияти таълимӣ машғул гардад, онро зарур аст тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб гардад.

Онро ба назар гирифт, ки фаъолияти таълимӣ таҳти иҷозатномадиҳӣ қарор дода намешавад, агар ин фаъолият дар шакли маърӯзаҳои якдафаина, коромӯзӣ, семинарҳо ва дигар намуди таълим, ки бо аттестатсия ва додани ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот ё (ё ин ки)тахассус алоқаманд нест, гузаронида шавад[9].

### *16. Шартнома чист?*

Шартнома созиши ду ва зиёда шахс дар бораи муқаррар кардан, тағйир додан ва қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои граждани мебошад. Моҳияти шартнома дар он зоҳир мегардад, ки як тараф уҳдадор мегардад амали муайянеро содир намояд, ба тарафи дигар супорад ё онро қабул кунад. Тарафҳои шартнома метавонанд якчанд нафар бошанд.

Шартнома изҳори иродаи тарафҳо оиди содир кардани амали муайян мебошад. Изҳори иродаи алоҳидаи тарафҳо аҳамияти ҳуқуқӣ надорад. Онҳо дар маҷмуъ созишномаро ифода месозанд, ки тибқи он ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ пайдо мешаванд. Шахсони ҳуқуқӣ одатан шартномаро дар шакли хаттӣ ба расмият медароранд. Тибқи қонунгузорӣ, шартнома басташуда эътироф мегардад, агар тарафҳо аз рӯи шартҳои муҳими шартнома ба мувофиқа омада бошанд.

Шарти муҳим шартест, ки онро Кодекси гражданӣ ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба чунин сифат эътироф кардааст ё барои намуди мушаххаси шартнома зарур аст. Шартҳои муҳим метавонанд бошанд: нарх ва хислати мол дар шартномаи хариду фурӯш, муҳлати расонидани хизмат дар шартномаи хизматрасонӣ, тарафҳо ва шарти предмети шартнома ва м.и.

### *17. Баъзе хусусиятҳои бастани шартномаи хариду фурӯш, хизматрасонии музднок ва пудрат.*

[9] Банди 7, Боби 48 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият аз 3.04.2007, №172.

Намудҳои алоҳидаи шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ, ки ТҒТ дар фаъолияти худ ба расмият медароранд, шартномаи пудрат ё ин ки хизматрасонии музднок, шартномаи хариду фурӯш ба шумор меравaнд. Шартнома дар ТҒТ ҳамчун қоида баста мешавад:

1. Барои иҷрои кори муайян;

2. Барои расонидани хизмат;

3. Барои харидорӣ намудани молу маҳсулот.

***Барои харидорӣ намудани молу маҳсулот*** шартномаи хариду фурӯш ба расмият даровaрда мешавад, ки тибқи он фурӯшанда уҳдадор аст ба моликияти харидор молу маҳсулотро супорад, харидор уҳдадор аст молу маҳсулотро қабул карда, арзиши онро пардохт намояд. Шарти муҳими шартнома предмети он, мушаххас муқаррар кардани номгӯ ва миқдори молу маҳсулот ба шумор меравад.

***Мувофиқи шартномаи пудрат*** як тараф (пудратчӣ) уҳдадор аст тибқи супориши тарафи дигар (фармоишгар) кори муайянеро иҷро намояд ва натиҷаи онро супорад, тарафи дигар (фармоишгар) уҳдадор аст натиҷаи корро қабул кунад ва арзиши онро пардохт намояд. Натиҷаи кор объекти муайяни моддӣ мебошад, ки маҳз дар ҳамин асос шартномаи пудрат аз шартномаи хизматрасонии музднок фарқ мекунад. Шарти муҳими шартнома мазмун ва ҳаҷми кор ва муҳлати иҷрои он ба ҳисоб меравад.

Аз рӯи шартномаи хизматрасонии музднок иҷрокунанда уҳдадор аст дар асоси супориши фармоишгар хизмати муайянеро расонад, яъне амали муайянеро содир намояд ё намуди муайяни фаъолиятеро ба амал барорад, фармоишгар уҳдадор аст арзиши хизмати расонидашударо пардохт кунад. Хизмати расонидашуда натиҷаи моддӣ надорад, ки бо ин аз кор фарқ менамояд. Шарти муҳими чунин шартномаро предмет (намуди мушаххаси хизмати расонидашаванда) ва муҳлати иҷро ташкил медиҳад.

### *18. Шартномаи меҳнатӣ аз шартномаи хизматрасонии музднок чӣ гуна фарқ менамояд?*

Дар ҳамаи ташкилот ду шакли барасмиятдарории муносибатҳои меҳнатӣ ҷой дорад: шартномаи меҳнатӣ ва шартномаи хизматрасонии музднок, ки дар ҳолатҳои алоҳида шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ ном бурда мешавад. Дар таҷриба аксаран вақт бо назардошти соддагӣ, ҷой надоштани уҳдадории иловагӣ чӣ аз тарафи корфармо ва чӣ аз тарафи корманд ва зарурияти риояи меъёрҳо ва талаботи қонунгузории меҳнат, кӯшиши истифодаи намуди дуюми шартнома карда мешавад.

Барои дарки то чӣ андоза дуруст будани чунин нуқтаи назар ва қарор гирифтан дар намуди шартнома, зарур аст фарқиятҳои асосии шартнома баррасӣ карда шавад:

| **Шартномаи меҳнатӣ** | **Шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ** |
|---|---|
| **Санади танзимкунанда** | |
| Кодекси меҳнат | Кодекси гражданӣ |
| **Тарафҳои шартнома** | |
| Кофармо-корманд | Фармоишгар-иҷрокунанда |

<table>
<tr><td colspan="2">Намуди кор</td></tr>
<tr><td>Мунтаззам иҷро кардани намуди кори муайян, кор дар мансаби мушаххас бо уҳдадориҳои муайяни иҷрошаванда</td><td>Ҳаҷми кори муайян, иҷрои якдафаина</td></tr>
<tr><td colspan="2">Давомият</td></tr>
<tr><td>Муҳлатнок (бо маҳдудияти муҳлати амал) ва бемуҳлат</td><td>Муҳлатнок (бо маҳдудияти муҳлати амал)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Кафолатҳо ва пардохтҳои иҷтимоӣ, кӯмакпулӣ</td></tr>
<tr><td>Тибқи Кодекси меҳнати ҶТ:<br>1. Рухсатии пардохтшаванда;<br>2. Рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд;<br>3. Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ (пардохт аз рӯи варақаи корношоямӣ);<br>4. Кӯмакпулӣ барои нигоҳубини кӯдак ва ғ.</td><td>Ҷой надорад</td></tr>
<tr><td colspan="2">Ҳуҷҷатҳои роҳбаладикунанда</td></tr>
<tr><td>Фармоиш дар бораи қабул/озод кардани корманд</td><td>Вуҷуд надорад</td></tr>
<tr><td colspan="2">Асос барои пардохт намудани музди меҳнат/ пардохти корҳои иҷрошуда</td></tr>
<tr><td>Варақаи баҳисобгирии вақти кор</td><td>Санади иҷрои кор</td></tr>
<tr><td colspan="2">Муҳлати пардохт</td></tr>
<tr><td>Ду маротиба дар як моҳ</td><td>Бо шартнома муқаррар мегардад (одатан баъди анҷоми кор)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Баҳисобгирии собиқаи кор</td></tr>
<tr><td>Қайд дар бораи кор ба дафтарчаи меҳнатӣ гузаронида мешавад ва ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта мешавад</td><td>Қайд дар бораи кор ба дафтарчаи меҳнатӣ гузаронида намешавад, ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта намешавад</td></tr>
<tr><td colspan="2">Тартиботи дохилии интизоми меҳнат</td></tr>
<tr><td>Корманд уҳдадор аст тартиботи дохилии интизоми меҳнатро риоя намояд</td><td>Корманд барои риояи тартиботи дохилии интизоми меҳнат уҳдадор нест</td></tr>
</table>

Тибқи нақша барои ташкилот дар фарқият аз шартномаи меҳнатӣ, шартномаи хизматрасонии музднок нисбатан оддӣ ва қобили қабул дониста мешавад. Лекин, пеш аз истифодаи шартномаи хизматрасонии музднок бояд ба назар гирифта шавад:

1. Агар барои бастани шартномаи меҳнатӣ асос ҷой дошта бошад, лекин муносибатҳои меҳнатӣ дар намуди шартномаи хизматрасонии музднок ба

расмият даровarda шудааст, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ метавонад ҳолатро ҳамчун саркашии қасдона аз иҷрои уҳдадориҳои корфармо арзёбӣ намояд, ки ин оқибатҳои ногувори дахлдорро ба миён меорад.

2. Ҳангоми истифода шудани шартномаи хизматрасонии музднок, кормандони Шумо барои гирифтани кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ, барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, барои нигоҳубини кӯдак ва барои баҳисобгирии собиқаи корӣ ва ғ. ҳуқуқ надоранд.

### *19. Чӣ гуна шартномаи иҷораро дуруст баст?*

Шартномаи иҷора яке аз шартномае мебошад, ки аз ҷониби ТҒТ бештари вақт баста мешавад. Ин шартнома бояд ба таври ҳатмӣ дар шакли хаттӣ баста шавад, дар ҳолати акс он беэътибор дониста мешавад.

Дар шартнома бояд муҳлати иҷора, ҳаққи иҷора, тавсифи иншооти иҷоравӣ (ё дигар молу мулк), ҳамчунин шартҳо оид ба пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва масъулияти тарафҳо, масалан, барои риояи меъёрҳои бехатарӣ аз сӯхтор, муқаррар карда шавад. Ҳангоми ба иҷорагир интиқол додани иншооти иҷоравӣ (ё молу мулки дигар), иҷорадеҳ ва иҷорагир санади қабул ва супориданро ба имзо мерасонанд. Ба иҷорадеҳ супоридани молу мулк низ бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад.

Агар шартномаи иҷора ба муҳлати зиёда аз дувоздаҳ моҳ баста шуда бошад, чунин шартнома бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад[10].

## 2. МАСЪАЛАҲОЕ, КИ БО ПЕШБУРДИ КОРГУЗОРӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ТҒТ АЛОҚАМАНДАНД

Ҳамагуна ташкилот, новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва намуди фаъолият, бояд ба талаботи қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла ба талаботи қонунгузорӣ оид ба меҳнат итоат намояд. Баҳисобгирии кадрӣ ва барасмиятдарории муносибатҳои меҳнатӣ дар ТҒТ махсусияти худро дошта, баъзе мушкилиҳоро соҳиб аст.

Якум, ҷой надоштани сарчашмаҳои доимии маблағгузорӣ, ки барои пайдоиши чунин давра, ба монанди "давраи байнилоиҳавӣ" оварда мерасонад. Ташкилот дар ин давра бидуни восита барои амалӣ кардани фаъолият ва мутобиқан бидуни восита барои пардохти музди меҳнат, арзи ҳастӣ менамояд. Чунин ҳолат барои доштани кормандони доимӣ бо музди меҳнати муътадил ва доимӣ имкон намедиҳад.

Дуюм, фаъолияти ТҒТ аксар вақт аз ҳисоби якчанд сарчашмаҳо маблағгузорӣ карда мешавад ва мутобиқан музди меҳнати кормандон аз ҳисоби якчанд лоиҳаҳо ташаккул меёбанд, лекин, новобаста аз ин ташкилот уҳдадор аст аз рӯи ҳар як лоиҳа ё барнома баҳисобгирии алоҳидаро пеш барад.

Сеюм, ТҒТ вобаста ба ҷой надоштани воситаҳои озод, наметавонад уҳдадории худро дар назди кормандон дар ҳаҷми пурра иҷро намояд, ба шарте, ки агар ин дар

[10] Моддаи 672 КГ ҶТ (қисми 2) аз 11.12.1999.

буҷети лоиҳа пешбинӣ нагардида бошад. Масалан, пардохти иловапулӣ барои кор дар рӯзи истироҳат ва рӯзҳои ид ва м.и.

Мушкилоти мавҷуда ҳангоми риояи талаботи қонунгузорӣ оид ба меҳнат баъзе мураккабиҳоро ба миён меорад. Ҳар як роҳбари ташкилот онро бояд ба назар гирад, ки ҳангоми ҷой доштани норасоӣ дар барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, хатари рӯ ба рӯ гардидан бо даъвои судӣ аз ҷониби кормандон (суд дар аксари ҳолат дар тарафи корманд қарор дорад, на ин ки дар тарафи корфармо) ё "гирифтор шудан" ба санҷиш аз ҷониби нозироти меҳнатро ба миён меорад.

### *20. Ҳуқуқи меҳнатӣ чист ва он фаъолияти ТҒТ-ро ба танзим медарорад?*

Ҳуқуқи меҳнатӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ аст, ки ҳадафи онро ба таври асосӣ ба танзим даровардани муносибатҳои меҳнатӣ байни ташкилот ва шаҳрвандон, ки дар чунин ташкилот фаъолият менамоянд, ташкил медиҳад. Санади меъёрии ҳуқуқии асосии ҳуқуқи меҳнатӣ Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Кодекси меҳнат ҳамаи масъалаҳои алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷумла тартиби ба ташкилот қабул гардидани корманд, тағйир додани шароити меҳнатии ӯ, қатъ намудани муносибатҳои меҳнатӣ бо корманд, тартиби пардохти музди меҳнат, реҷаи вақти корӣ ва вақти истироҳат, рухсатии меҳнатӣ, муқаррарот оид ба ҳифзи меҳнат, ҷавобгарии моддии корманд ва корфарморо муқаррар менамояд.

Ҳуқуқи меҳнатӣ ба ҳар як ташкилоте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, чӣ ташкилоти тиҷоратӣ ва чӣ ТҒТ, дахл дорад.

### *21. Коргузорӣ дар ТҒТ чӣ гуна пеш бурда шавад?*

Коргузорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба забони давлатӣ - тоҷикӣ сурат гирад. Ташкилот иловатан метавонад коргузориро тибқи салоҳдиди худ ба забони дигар низ пеш барад.

Корҳои кадрӣ дар ташкилоти ғайритиҷоратӣ бояд тибқи талаботи қонунгузорӣ оид ба меҳнат ба роҳ монда шавад. Чунончӣ, қабул ба кор, ҷойивазкунӣ, аз кор озод кардан, баромадан ба рухсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ ва ғ. бояд тибқи санадҳои дахлдори корфармо (фармон) ба расмият дароварда шавад. Ҳангоми ба кор қабул кардани корманд, бояд бо ӯ шартномаи меҳнатӣ баста шавад, дафтарчаи меҳнатӣ ба расмият дароварда шавад ва ғ.

Муқаррароти шартномаи меҳнатӣ набояд талаботи қонунгузориро мухолифат намояд. Давомияти вақти корӣ дар як ҳафта аз 40 соат зиёд набошад, ба кормандон рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда, бо давомияти на камтар аз 24 рӯзи тақвимӣ дода шавад. Дар дафтарчаи меҳнатӣ бояд маълумот дар бораи қабул ба кор, гузаронидан ба кори дигари доимӣ ва ғ. дарҷ карда шавад.

### *22. Дар ТҒТ бояд кадом ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ ҷой дошта бошанд?*

Дар ҳамагуна ташкилот ҳуҷҷати асосии дохилиидоравии батанзимдарорандаи муносибатҳои меҳнатӣ Тартиби реҷаи дохилии меҳнат ё чӣ хеле ки ном мебаранд -

сиёсати дохилии ташкилот ба шумор меравад. Кодекси меҳнат уҳдадориро оиди ба таври ҳатмӣ доштани чунин ҳуҷҷат мустақиман пешбинӣ намекунад. Такроршавии якчандкаратаи он дар Кодекси меҳнат, ба зарурати мавҷудияти он ишора мекунад. Ҳар як корманд ҳангоми қабул ба кор, бояд бо чунин ҳуҷҷат, бо гирифта шудани имзои шахсӣ, шинос карда шавад.

Аз рӯи аҳамиятнокӣ, ба сифати ҳуҷҷати навбатӣ, ҷадвали воҳиди корӣ баромад менамояд, ки нисбати мавҷудияти он санҷишгарон диққат зоҳир мекунанд. Дар он воҳиди кории дар ташкилот мавҷуда, бо нишон додани музди меҳнат иникос карда мешавад. Дар таҷриба санҷишгарон мавҷудияти ҷадвали тасдиқгардидаи рухсатии меҳнатӣ, варақаи баҳисобгирии вақти кориро талаб менамояд, ки дар ташкилот ҷой доштани чунин ҳуҷҷатҳо ба таври ҳатмӣ зарур дониста мешавад.

Дар корфармо бояд шартномаи меҳнатии имзогардида, варақаи шахсии (делои) корманд, дафтарчаи меҳнатии кормандони асосӣ нигоҳ дошта шавад.

Функсияҳои меҳнатии корманд мумкин аст дар шартномаи меҳнатӣ дарҷ карда шаванд ё дар Дастурамали вазифавии корманд иникос карда шаванд, ки бо он бояд корманд бо гирифта шудани имзои шахсӣ шинос карда шавад.

### *23. Корманд чӣ гуна ба ТҒТ ба кор қабул карда мешавад?*

Номгӯйи вазифа ва андозаи музди меҳнат, ки аз рӯи он корманд ба ташкилот ба кор қабул карда мешавад, бо ҷадвали воҳиди корӣ муайян мегардад.

Ҳангоми ба кор қабул намудан зарур аст бо корманд шартномаи меҳнатӣ баста шавад, фармони ба кор қабул кардан ба расмият дароварда шавад, инчунин ӯ дар асоси гирифтани имзои шахсӣ, бо Тартиби реҷаи дохилии меҳнат ва дигар санадҳои дохилиидоравӣ, ки дар ташкилот қабул гардидаанд, шинос карда шавад.

Агар ҷойи кории корманд асосӣ бошад, зарур аст ба дафтарчаи меҳнатӣ қайди дахлдор ворид карда шавад. Дафтарчаи меҳнатиро корфармо маҳфуз медорад ва дар ин хусус ба китоби баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ қайди дахлдорро ворид менамояд.

### *24. Бо роҳбари ташкилот кӣ шартномаи меҳнатӣ мебандад?*

Роҳбари ташкилот бо тартиби муқарраркардаи оинномa интихоб ё таъин карда мешавад. Дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шартномаи меҳнатиро бо роҳбари ташкилот шахсе мебандад, ки дар маҷлиси умумии аъзоён раисӣ кардааст. Салоҳияти мазкур мумкин аст ба раиси Раёсат дода шавад. Воқеияти ба кор қабул шудани роҳбари ТҒТ тавассути протоколи маҷлиси умумии аъзоён дар бораи таъин ё интихоб шудани роҳбари ташкилот ва қароре, ки дар асоси протоколи мазкур қабул шудааст, тасдиқ карда мешавад.

Дар таҷриба чунин қарор дар худи протокол нишон дода мешавад. Ҳангоме, ки агар дар маҷлиси умумӣ дар як вақт якчанд масъалаи алоқаманд ба фаъолияти ТҒТ, аз ҷумла масъалаи таъин ё интихоб гардидани роҳбари ташкилот, тамдид намудани салоҳияти он ба муҳлати нав бо қабули қарор аз рӯи ҳар як масъала баррасӣ шавад, зарур аст оиди таъин ё интихоб гардидани роҳбари ташкилот дар асоси ин протокол қарори алоҳида ба расмият дароварда шавад. Дар чунин ҳолат ҳангоми пешниҳоди протокол ва қарор бо талаби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, ба Шумо зарур нест

барои шиносоӣ тамоми масъалаҳои баррасигардидаро, ки барои маълумоти шахсони дигар пешбинӣ нашудааст, пешниҳод намоед.

### *25. Дар матни шартномаи меҳнатӣ бояд кадом муқаррарот нишон дода шавад?*

Тарафҳо дар мавриди бастани шартномаи меҳнатӣ ҳамон бандҳоеро пешбинӣ менамоянд, ки муносибатҳои меҳнатии онҳоро ба танзим медароранд. Қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар шартнома нишон дода шудани бандҳои зеринро талаб менамояд:

- ном ва суроғаи корфармо, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад;
- насаб, ном ва номи падар, рақам ва ҷойи дода шудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, суроғаи ҷойи истиқомати доимӣ ва РМА;
- насаб, ном ва номи падар, рақам ва ҷойи дода шудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, суроғаи ҷойи истиқомати доимӣ ва РМА, агар корфармо шахси воқеӣ бошад;
- ҷойи кор (ташкилот ва ё воҳиди муайян);
- вазифаи (мансаби) ишғолнамудаи корманд;
- хусусияти шароити меҳнат, кафолат ва имтиёзҳо, агар кори иҷрошаванда ба корҳои вазнин ва ё дар шароити зарарнок ё хатарнок мансуб бошад;
- санаи оғози кор;
- мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ;
- низом ва реҷаи вақти корӣ;
- вақти истироҳат ва давомнокии рухсатии меҳнатии ҳарсолаи корманд;
- андозаи музди меҳнат ва дигар шартҳои пардохти музди меҳнат;
- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои корфармо;
- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои корманд;
- тартиби тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ;
- кафолат, ҷубронпулиҳо ва тартиби пардохти онҳо;
- шартҳои суғуртакунонӣ;
- ҷавобгарии тарафҳо;
- санаи бастан ва рақами тартибии шартномаи меҳнатӣ.

Бо розигии тарафҳо дар шартномаи меҳнатӣ метавонанд дигар шартҳое, ки ба Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат намекунанд, пешбинӣ карда шаванд.

### *26. Мумкин аст, ки шартномаи меҳнатӣ ба мӯҳлати камтар аз як сол баста шавад?*

Мутобиқи Кодекси меҳнат шартномаи меҳнатӣ байни корфармо ва корманд ба мӯҳлати зерин баста мешавад:

- номуайян (дар ин намуди шартнома, санаи ба итмом расидани он нишон дода намешавад);
- муайян - на камтар аз як сол.

Дар ҳолатҳои истисноӣ шартномаи меҳнатӣ мумкин аст ба муҳлати камтар аз як сол баста шавад, агар он бо корманди нав, барои иҷрои уҳдадориҳои корманди ҳозирнабуда, ки нисбати он тибқи қонун ҷойи кораш нигоҳ дошта мешавад, баста шавад. Масалан, корманди ташкилот дар рухсатии нигоҳубини кӯдак, ҳомиладорӣ ва таваллуд қарор дорад. Дар ин давра, то анҷоми рухсатӣ ба кор корманди нав қабул карда мешавад. Дар ин ҳолат зарур аст дар шартнома ба ҷойи кори корманди дигари муваққатан ҳозирнабуда қабул гардидани корманди нав нишон дода шавад.

Шартнома ҳамчунин мумкин аст ба муҳлати камтар аз як сол баста шавад, агар корманд барои иҷрои корҳои муайян зарур бошад. Чунин ҳолат дар ТҒТ аксар вақт ба назар мерасад. Масалан, вақте, ки ТҒТ лоиҳаро ба муҳлати камтар аз як сол ба даст меорад ва мутобиқан метавонад кормандонро то анҷоми лоиҳа ба кор қабул намояд. Дар чунин ҳолат зарур аст дар шартнома барои иҷрои кори муайян ва ба муҳлати муайян баста шудани он нишон дода шавад.

### *27. Дар кадом ҳолатҳо муҳлати санҷишӣ таъин карда намешавад?*

Гузаштани санҷиш бояд дар шартномаи меҳнатӣ қайд карда шавад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин қайд, корманд бе санҷиши пешакӣ ба кор қабулшуда ҳисоб меёбад. Санҷиш бо созиши тарафҳо муқаррар гардида, наметавонад аз се моҳ бештар бошад.

Ҳангоми манфӣ будани натиҷаи кори корманд дар давраи санҷиш корфармо ҳуқуқ дорад на барвақтар аз ҳафт рӯзи ба охир расидани давраи санҷиш бо нишон додани сабабҳое, ки барои аз санҷиш нагузаштани корманд асос шудаанд, ӯро хаттӣ огоҳ намуда, шартномаи меҳнатиро бо корманд қатъ намояд.

Бояд ба назар гирифт, ки ҳангоми ба кор қабул намудан санҷиш ба шахсони зерин муқаррар карда намешавад:

- шахсоне, ки синнашон ба 18 нарасидааст;
- шахсоне, ки тибқи озмун барои ишғоли вазифаҳои дахлдор ба кор қабул карда мешаванд;
- ҳангоми гузаронидан ба кор ба маҳалли дигар, гузаронидан ба кор ба ташкилоти дигар;
- ба маъюбон дар сурати доштани тавсияҳои меҳнатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода шудаанд.

### *28. Бастани шартномаи меҳнатӣ чӣ гуна ба расмият дароварда мешавад?*

Шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ду нусха тартиб дода мешавад ва аз ҷониби тарафҳо имзо карда мешавад. Як нусхаи шартномаи меҳнатӣ ба корманд дода шуда, нусхаи дигарро корфармо маҳфуз медорад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла ҳангоми гузаронидан ба кори дигар аз ҷониби тарафҳо дар шакли хаттӣ амалӣ карда мешавад.

Пешниҳоди тағйир додани шартҳои шартномаи меҳнатӣ аз ҷониби яке аз тарафҳои шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ дода мешавад ва он аз ҷониби тарафи дигар дар муҳлати то ҳафт рӯзи тақвимӣ аз рӯзи дода шудан баррасӣ карда мешавад.

Ба кор қабул намудан дар асоси аризаи корманд ва бо санади корфармо ё шахси ваколатдори ӯ ба расмият дароварда мешавад. Санади мазкур ба корманд бо гузоштани имзо дар давоми на дертар аз 3 рӯзи корӣ эълон карда мешавад[11].

Амали шартномаи меҳнатӣ аз рӯзи оғози воқеии кор сар мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Агар шартномаи меҳнатӣ бо гуноҳи корфармо баста нашуда ва ё ба расмият дароварда нашуда бошад, вале корманд ба кор шурӯъ карда бошад, дар ин ҳолат муносибатҳои меҳнатӣ аз рӯзи воқеан ба кор шурӯъ намудани корманд ба вуҷудомада ҳисобида мешаванд.

### *29. Ҳангоми қабул ба кор кадом ҳуҷҷатҳо талаб карда мешаванд?*

Ҳангоми ба кор дохил шудан, корфармо ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳои зеринро талаб намояд:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти инсонро тасдиқ менамояд);
- дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи фаъолияти меҳнатӣ. Агар корманд бори аввал ба кор дохил гардад, корфармо уҳдадор аст дар муддати 5 рӯз дафтарчаи меҳнатӣ кушояд;
- ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дониши махсус, дараҷа, ихтисос ё касб;
- барои уҳдадорони ҳарбӣ - билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи бақайдгирӣ;
- нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ.

Корфармо ҳуқуқ дорад вобаста аз намуди кор ҳуҷҷатро дар бораи гузаштан аз муоинаи пешакии тиббӣ барои шахсоне, ки тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан аз чунин муоина уҳдадоранд, талаб намояд. Масалан, пешниҳоди чунин ҳуҷҷат аз шахсоне, ки дар соҳаи тиббӣ ё хӯроки умум фаъолият менамоянд, талаб карда мешавад.

Корфармо ҳуқуқ надорад, аз шахси ба кор қабулшаванда дигар ҳуҷҷатро талаб кунад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Корфармо уҳдадор аст тамоми ҳуҷҷатҳоро дар делои шахсии корманд маҳфуз дорад.

### *30. Корфармо барои огоҳонидани корманд оиди бекор кардани шартнома уҳдадор аст?*

Дар баъзе ҳолатҳо корфармо метавонад барои бекор кардани шартномаи ҳам муҳлатнок ва ҳам бемуҳлат ташаббус нишон диҳад. Дар робита бо ин дар корфармо уҳдадорӣ оиди огоҳ кардани корманд дар хусуси ташаббуси худ пайдо мегардад. Корманд ба таври истисноӣ дар шакли хаттӣ огоҳ карда мешавад.

---

[11] Моддаи 26 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016 №1329 (минбаъд КМ ҶТ).

Ҳангоми бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бинобар барҳам хӯрдани ташкилот ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди корӣ, корфармо уҳдадор аст кормандони худро на дертар аз ду моҳ пеш огоҳ намояд.

Дар давраи огоҳонӣ ба корманд ҳуқуқ дода мешавад, ки барои ҷустуҷӯи кори дигар ҳафтае на камтар аз як рӯз бо нигоҳ доштани музди кор ба кор набарояд. Бо созишномаи тарафҳо давраи мазкур метавонад ба додани ҷубронпулӣ дар ҳаҷми на камтар аз музди меҳнати миёнаи рӯзона барои ҳар рӯзи боқимондаи то ба охир расидани ин мӯҳлат, иваз карда шавад.

### *31. Дар доираи қонунгузорӣ оид ба меҳнат татбиқи кадом намуди муҷозоти интизомӣ иҷозат аст ва мӯҳлати он?*

Барои аз ҷониби корманд вайрон кардани интизоми меҳнат, корфармо ҳуқуқ дорад чунин намудҳои ҷазои интизомиро татбиқ намояд:

- сарзаниш;
- танбеҳ;
- танбеҳи қатъӣ;
- қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо.

Ҷазои интизомӣ ба корманд ҳангоми содир кардани кирдори интизомӣ, на дертар аз як моҳ аз рӯзи ошкор шудани он, лекин на дертар аз шаш моҳи содир шудани кирдори интизомӣ татбиқ карда шавад.

Мӯҳлати амали ҷазои интизомӣ аз шаш моҳ зиёд буда наметавонад. Агар дар давоми ин мӯҳлат ба корманд ҷазои нави интизомӣ татбиқ нагардад, он гоҳ ӯ ҷазои интизомӣ надошта ҳисоб меёбад.

### *32. Дар як ташкилот якҷоя кор кардани хешовандони наздик иҷозат дода мешавад?*

Қонунгузории Тоҷикистон дар ТҒТ якҷоя кор кардани хешовандони наздикро ба монанди муассисаҳои давлатӣ мустақиман манъ намекунад, агарчӣ мухолифати манфиатҳо нисбати ТҒТ низ қобили қабул дониста намешавад. Дар таҷриба чунин маҳдудият мумкин аст тавассути оинномаи ТҒТ ё дигар санадҳои дохилиидоравӣ, ки аз ҷониби мақомоти идоракунӣ тасдиқ карда шудааст, муқаррар карда шавад.

Маҳдудияти якҷоя кор кардани хешовандони наздик дар муассисаҳои давлатӣ муқаррар карда шудааст, ки тибқи он дар як ташкилоти давлатӣ, воҳидҳои сохторӣ ба вазифаи роҳбар, сармуҳосиб (муовинони ӯ) ва хазинадор якҷоя кор кардани шахсоне, ки байни худ алоқаи хешутаборӣ дошта бошанд ва агар кори онҳо ба итоату назорати бевоситаи ҳамдигарӣ алоқаманд бошад, манъ карда мешавад. Ба ҷумлаи чунин хешу таборон падару модар, зану шавҳар, бародарон, хоҳарон, писарон, духтарон, ҳамчунин бародарону хоҳарони падару модар, фарзандони зану шавҳар дохил мешаванд.

### *33. Вақти кор чӣ гуна ба ҳисоб гирифта мешавад?*

Корфамо уҳдадор аст вақти кориро, ки ҳар як корманд иҷро намудааст, аз ҷумла соатҳои изофакориро сари вақт дақиқ ҳисоб кунад. Ҳисобкунии вақти кор дар шакли

хаттӣ, дар асоси варақаи баҳисобгирии вақти кор пеш бурда мешавад. Дар ин шакл бояд соатҳои изофакорӣ, кор дар бастҳои шабона, рӯзҳои истироҳат, рӯзҳои ид, рӯзҳои сафари хизматӣ иникос карда шаванд. Дар таҷриба ташкилоте низ ба назар мерасанд, ки дар як вақт аз рӯи якчанд лоиҳа фаъолият мекунанд. Дар ин ҳолат, дар варақаи баҳисобгирии вақти корӣ мумкин аст ҳар яке аз лоиҳа дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

Варақаи баҳисобгирии вақти корӣ ҳуҷҷатҳои асосие мебошад, ки санҷишгарон ҳангоми гузаронидани санҷиш дар навбати аввал талаб менамоянд. ТҒТ аксар вақт ҳангоми хонапурӣ кардани варақаи баҳисобгирӣ ба хатогӣ роҳ медиҳанд, ки ин дар мавриди гузаронидани санҷиш барояшон ниҳоят "гарон" меғалтад. Масалан, вақти корӣ дар арафаи рӯзҳои ид як соат кам мегардад, ки ин бояд дар варақаи баҳисобгирии вақти кор иникос карда шавад. Муттасифона, дар таҷриба ТҒТ ба ин масъала ба таври зарурӣ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд.

### *34. Музди меҳнат мумкин аст, ки бо арзи хориҷӣ пардохт карда шавад?*

Музди меҳнат бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад. Дар таҷриба бархе аз ТҒТ, ки грантҳоро бо арзи хориҷӣ гирифтаанд, музди меҳнатро дар шартномаи меҳнатӣ бо арзи хориҷӣ нишон медиҳанд, ки ин дар минбаъда бо пули миллӣ дар таносуб бо қурби асъори миллӣ дар рӯзи пардохт амалӣ карда мешавад. Дар доираи чунин таҷриба, ҳангоми ба таври пастшавӣ тағйир ёфтани қурби асъори миллӣ дар таносуб бо асъори хориҷӣ, музди меҳнати кормандон кам намегардад. Ғайр аз ин, таҷрибаи мазкур аз нигоҳи ҳисоботдиҳии грантҳое, ки аз сарчашмаҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мешаванд, қулай дониста мешавад. Ин таҷриба чӣ ба ташкилот ва кормандони он ва чӣ ба давлат манфиатнок аст. Музди меҳнат чӣ андоза зиёд бошад, андоз ҳамон қадар зиёд мегардад. Лекин мақомоти санҷишӣ метавонад онро ҳамчун ҳолати хилофи қонун эътироф намояд.

Қонунгузории граждании ва меҳнатӣ барои дар шартномаи меҳнатӣ бо асъори хориҷӣ нишон додани музди меҳнат меъёри манъкунандаро пешбинӣ наменамояд, лекин пардохти он бо асъори хориҷӣ манъ карда шудааст. Чунин маҳдудият танҳо дар дастурамалҳои Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

Музди меҳнат бояд дар як моҳ ду маротиба пардохт карда шавад[12]. Тартиб ва вақти пардохти музди меҳнатро корфармо муайян менамояд. Ҳангоми дар як моҳ як маротиба пардохт карда шудани музди меҳнат, роҳбари ташкилот мумкин аст ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шавад.

### *35. Кормандони ТҒТ барои рухсатии иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд?*

Қонунгузорӣ якчанд намуди рухсатиро муқаррар менамояд, ки дар ҷумлаи онҳо рухсатии иҷтимоӣ низ вуҷуд дорад. Кормандони ТҒТ барои гирифтани ин рухсатиҳо бо тартиб ва шартҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ, ҳуқуқ доранд.

Ҳар як корманди ТҒТ барои гирифтани рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ҳуқуқ дорад, ки он аз 24 рӯзи тақвимӣ кам буда наметавонад ва баъди 11 моҳи кор дода мешавад.

[12] Моддаи 158 КМ ҶТ.

Онро ба инобат гирифтан зарур аст, ки рухсатии меҳнатиро ба қисмҳо ҷудо кардан мумкин аст, ки яке аз қисмҳои он набояд аз 14 рӯзи тақвимӣ камтар бошад. Дар шакли пулӣ ё шакли дигар иваз карда шудани рухсатии меҳнатӣ иҷозат дода намешавад, ба истинои аз кор озод кардани корманд.

Кормандони ТҒТ ба рухсатии иҷтимоӣ, аз ҷумла рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, нигоҳубини кӯдак ва ғ., бидуни маҳдудият ҳуқуқ доранд.

### *36. Кормандони ТҒТ метавонанд, ки рухсатии бемузд гиранд?*

Ба кормандони ТҒТ мумкин аст рухсатии бемузди меҳнат дода шавад, ки давомнокии он бо мувофиқаи байни корманд ва корфармо муайян карда мешавад.

Рухсатии бемузди меҳнат мувофиқи аризаи корманд ба таври ҳатмӣ ба инҳо дода мешавад:

- ба иштирокчиёни ҶБВ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ба нафақахӯроне, ки кор мекунанд - ҳар сол то 14 рӯзи тақвимӣ;
- ба падару модарон ва ҳамсарони хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи захм, контузия ё осебе, ки ҳангоми ҳимояи Ватан ва иҷрои вазифаи хизматӣ ба онҳо расидааст, ё дар натиҷаи бемории вобаста бо иштирокашон дар ҷанг ва муқовиматҳои сиёсӣ фавтидаанд - ҳар сол то 14 рӯзи тақвимӣ;
- ба маъюбоне, ки кор мекунанд - то 2 моҳ дар як сол;
- ба кормандон дар мавриди таваллуд шудани кӯдак, маросими бастани ақди никоҳ, вафоти хешовандон - то 7 рӯзи тақвимӣ;
- ба кормандоне, ки шахси бемори аъзои оиларо мувофиқи хулосаи тиббӣ нигоҳубин мекунанд (бе додани варақаи корношоямии меҳнатӣ ё ҳуҷҷати ивазкунандаи он) - то 14 рӯзи тақвимӣ;
- ба кормандони дигар тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### *37. Дар Тоҷикистон музди меҳнати ҳадди ақал чӣ қадар аст?*

Андозаи ҳадди ақали музди меҳнат дар Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Дар шароити муосир музди меҳнати ҳадди ақал ба 400 сомонӣ баробар аст[13]. Ин маънои онро дорад, ки корфармо ҳуқук надорад нисбати корманд музди меҳнатро камтар аз музди меҳнати ҳадди ақал муқаррар намояд.

[13] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2016, №97 «Дар бораи чораҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаҳо, ташкилоти буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендияҳо»

## 3. МАСЪАЛАҲОИ АЛОҚАМАНД БА АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ ТҒТ

### *38. ТҒТ андозсупоранда ба шумор меравад?*

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият, аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ андозсупоранда ҳисоб меёбанд. Андозсупоранда (супорандаи андоз) - шахсест, ки мутобиқи Кодекси андози ҶТ ба зиммааш ўҳдадории пардохти андозҳо гузошта шудааст.

ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ андозсупоранда ҳисобида мешавад, агар чунин шахс:

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятеро амалӣнамояд, ки даромад медиҳад ё аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегирад;
- молики (истифодабарандаи) молу мулке бошад, ки бояд андозбандӣ шавад;
- дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракат ё амалиёти андозбандишаванда-ро иҷро намояд.

### *39. Ҳамаи ТҒТ барои доштани рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) уҳдадоранд?*

Ба ТҒТ ҳангоми баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз ба сифати андозсупоранда, рақами мушаххаси андозсупоранда ба тариқи ройгон дода мешавад.

Рақами мушаххаси ба андозсупоранда додашуда дар ҳеҷ ҳолат тағйир дода намешавад ва наметавонад ба андозсупорандаи дигар (ҳама гуна шахси дигари воқеӣ ё ҳуқуқӣ), ҳатто ҳангоми барҳамхўрии ташкилот дода шавад.

Он чиз муҳим аст, ки ТҒТ ҳамчун андозсупоранда уҳдадор аст РМА худро дар ҳисоботи андозӣ, мукотибот бо мақомоти андоз, гумрук ё молия, дар муносибатҳои мутақобила бо дигар мақомоти ваколатдор, дар эъломияҳои гумрукӣ, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, харҷнома, чекҳои дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, инчунин дар ҳуҷҷатҳои корӣ (қарордодҳо, шартномаҳо) зикр намояд. РМА бояд дар бланкаҳо ва муҳрҳои ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ТҒТ нишон дода шавад.

### *40. Кадом шахсони ҳуқуқӣ ғайрирезидент эътироф мегарданд?*

Тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон резидент ҳисобида мешаванд.

Ғайрирезидент шахси воқеиии хориҷие эътироф мегардад, ки дар давоми ҳар давраи 12-моҳаи пай дар пай гузаранда, дар қаламрави Тоҷикистон камтар аз 182 рўз қарор дошт. Шахси воқеии хориҷие, ки дар қаламрави Тоҷикистон бештар аз 182 рўз қарор дошта бошад, аз рўзи 183-юм резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида мешавад.

Агар чунин шахси воқеӣ дар соли гузаштаи тақвимӣ резидент ба ҳисоб рафта бошад, пас он аз 1 январи соли ҷорӣ низ резидент ба ҳисоб меравад.

Ин масъалаи ниҳоят муҳим аст, зеро вобаста аз мақоми мазкур андозбандӣ низ тағйир меёбад. ТҒТ бояд дарк намоянд, ки андозбандии шахсони воқеӣ-резидентон аз ғайрирезидентон фарқ менамояд.

### *41. ТҒТ - андозсупоранда ё агенти андоз?*

ТҒТ ба сифати андозсупоранда аз рӯи намудҳои алоҳидаи андоз, агенти андоз эътроф мегардад.

Андозсупоранда ТҒТ-е мебошад, ки бо тартиби муқарраркардаи Кодекси андоз ин ё он намуди андозро месупорад.

Агенти андоз ТҒТ мебошад, ки пардохткунандаи намуди муайяни андоз набуда, ба зиммааш вазифаи ҳисоб намудани андоз, аз андозсупоранда ё аз манбаи пардохт нигоҳ доштан ва ба буҷети дахлдор гузаронидани он гузошта шудааст. Масалан, ТҒТ пардохткунандаи андоз аз даромади шахсони воқей эътироф карда мешавад? Не! ТҒТ пардохткунандаи ин намуди андоз нест, лекин нисбати даромади кормандони ташкилот, ки аз ҷониби он пардохта мешавад, агенти андоз ҳисобида мешавад.

Новобаста аз оне, ки ТҒТ пардохткунандаи андоз аз даромад нест, лекин ҳамчун агенти андоз оиди дуруст ҳисоб кардан ва саривақт ба буҷети дахлдор гузаронидани андоз, масъулиятро ба зимма мегирад. ТҒТ уҳдадоранд, ки андози ҳисобидашударо бевосита аз даромади андозсупоранда, ҳангоми пардохти воқей, нигоҳ доранд. Ғайр аз ин, ТҒТ уҳдадоранд даромади ба андозсупорандагон пардохтшуда, андозҳои аз андозсупорандагон (ё аз манбаи пардохт) нигоҳдошташуда ва ба буҷети дахлдор гузаронидашударо ба ҳисоб гиранд, аз ҷумла оид ба ҳар як андозсупоранда ҳисоби ҷудогона баранд, ба мақомоти андоз мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳисоботи андоз пешниҳод намоянд. Тартиби ҳисоб кардан ва пардохти андоз аз даромад дар маҷмуъ ба ташкилоти тиҷоратӣ монанд мебошад.

Ҷумлаи мазкур зиёдатӣ ба назар мерасад, зеро ҳамаи масъалаҳо дар боло ба таври ҷузъӣ қайд гардидаанд. Дар мавриди халалдор карда шудани муқаррароти бо қонунгузории андоз муайянгардида, яъне ворид нашудани андоз ба буҷет бинобар сабаби нодуруст тарҳ кардан, нигоҳ доштан ё пардохт накардани андоз аз даромад, масъулият ба зиммаи ТҒТ-е ки ба шахсони воқей даромадро пардохтааст, вогузор мегардад[14]. Дар ин ҳолат ТҒТ уҳдадор аст аз ҳисоби худ андози пардохтанашуда ё гирифтанашударо ҷуброн намояд.

### *42. Мақомоти дигари назораткунанда метавонанд, ки санҷиши андозиро гузаронанд?*

Тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати иҷроиши қонунгузории андоз ба зиммаи мақомоти андоз вогузор гардидааст.

Мутобиқан санҷишҳои андоз танҳо аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешаванд. Мақомоти дигари назораткунанда, ба монанди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нозироти меҳнат ҳуқуқ надоранд санҷишҳои алоқаманд ба андозро мустақилона гузаронанд.

Дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои кофӣ тибқи дархости хаттии мақомоти прокуратура ё назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти андоз санҷиши андозро мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо ин мақомот мегузаронанд.

### *43. Кадом намуди санҷишҳои андоз ҷой доранд?*

[14] Моддаи 102, қисми 7 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.09.2012, №901 (минбаъд КА ҶТ).

Санҷишҳои андоз ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

- санҷиши ҳуҷҷатӣ;
- санҷиши амалиётӣ.

Санҷишҳои ҳуҷҷатӣ дар навбати худ ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

1) Санҷиши маҷмӯӣ - санҷиши иҷрои ӯҳдадории андоз аз рӯи ҳамаи намудҳои андоз, аз ҷумла ҳангоми барҳамдиҳӣ (қатъ гардидани фаъолият) ва (ё) азнавташкилдиҳии андозсупоранда (минбаъд - санҷиши андози барҳамдиҳӣ).

2) Санҷиши мавзӯӣ - санҷише, ки нисбат ба андозсупоранда (агенти андоз) аз рӯи як ё якчанд масъалаҳои зерин гузаронида мешавад:

а) иҷрои ӯҳдадории андоз аз рӯи намудҳои алоҳидаи андозҳо, инчунин андозҳои бо онҳо алоқаманд. Андоз дар ҳолате бо андози дигар алоқаманд ҳисобида мешавад, ки агар тағйир додани маблағи ҳисобкардашуда ба мутаносибан тағйир ёфтани маблағи дигар андоз оварда расонад;

б) ҳолати иҷрои қарор оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо аз андозсупоранда ва (ё) ташкилотҳои қарзӣ;

в) тасдиқидурустии маблағҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки барои баргардонидан пешниҳод шудаанд.

3) Санҷиши мутақобила - санҷише, ки нисбат ба шахси дигар гузаронида мешавад, агар ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз ба мақомоти андоз зарурат пайдо шавад, ки оид ба дурустии дар баҳисобгирии андоз зикр намудани амалиёти гузаронидаи андозсупоранда маълумоти иловагӣ ба даст оранд.

Санҷиши амалиётиро мақомоти андоз доир ба масъалаҳои риояи талаботи зерини қонунгузории андоз мегузаронанд:

- ба сифати андозсупоранда ба ҳисоб гузоштан дар мақомоти андоз, дурустии маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда;
- аз ҷониби корфармо барои иҷрои ягон кор (хизматрасонӣ) ҷалб намудани кормандони кироя;
- истифодаи мошинҳои назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ.

### *44. Муҳлати давомият оид ба уҳдадориҳои андоз чӣ қадар аст?*

Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд уҳдадориҳои ТҒТ-ро оид ба андоз барои 5 соли охир мавриди санҷиш қарор диҳанд. ТҒТ ба сифати андозсупоранда уҳдадор аст ҳуҷҷатҳои молиявии худро барои ин давра маҳфуз нигоҳ дорад. Мақомоти андоз метавонанд маблағи андози андозсупорандаро ҳисоб намоянд (иловагӣ ҳисоб намоянд), аз нав баррасӣ намоянд (ислоҳ намоянд) ва (ё) маблағи андози ҳисобшударо (иловагӣ ҳисобшударо, ислоҳшударо) дар давоми 5 соли баъди ба охир расидани соли тақвимӣ, ки давраи андози дахлдорро дар бар мегирад, ситонанд.

Андозсупоранда ҳуқуқ дорад баргардонидан ё ба ҳисоб гирифтани маблағи андозро дар давоми 5 соли баъди ба охир расидани соли тақвимӣ талаб намояд.

### *45. Грантҳо мавриди андозбандӣ аз фоида қарор дода мешаванд?*

Қонунгузории андоз грантҳоро ба сифати фоидаи ТҒТ баррасӣ намекунад. Аз ин ҷо муассисаҳо, ташкилотҳои динӣ, эҳсонкорӣ, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатии (байналмилалии) ғайритиҷоратӣ аз андоз аз фоида озоданд, ба истисноии фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд[15]. Чунин муассисаҳо ва ташкилотҳо бояд баҳисобгирии ҷудогонаи фаъолияти асосӣ (фаъолияте, ки аз андоз аз фоида озод аст) ва фаъолияти соҳибкориро пеш баранд.

Баробари ин, аз андоз аз фоида маблағгузарониҳои ройгон, молу мулки ройгон, ки барои фаъолияти ғайритиҷоратии ТҒТ истифода бурда мешаванд, инчунин аъзоҳаққиҳо ва хайрияи ба онҳо дастрасшуда низ озоданд.

Ба он таваҷҷуҳ бояд зоҳир кард, ки грантҳо фоида эътироф карда намешаванд, агар онҳо ба ТҒТ пешниҳод гардида бошанд ва ба мақсади ғайритиҷоратӣ истифода шаванд. Дар ҳолате, ки агар грантҳои ба ТҒТ пешниҳодшуда барои васеъ кардани доираи фаъолияти соҳибкории онҳо истифода гардад, чунин грантҳо фоидаи ТҒТ ҳисобида мешаванд.

### *46. ТҒТ барои пардохти андоз аз хароҷоти сафарҳои хизматӣ уҳдадор аст?*

Даромади умумии корманд ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматиро мутобиқи меъёрҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқарраршуда, инчунин ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматиро аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои онҳо, фондҳо, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ - ғайрирезидент аз ҳисоби маблағҳои шахсони дар боло номбаршуда дар бар намегирад[16].

Он чиз дар назар дошта шудааст, ки хароҷоти сафари хизматӣ, ки аз рӯи грант ва дигар лоиҳаҳои аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо, дар доираи лоиҳаҳояшон маблағгузоришаванда пардохт карда шудааст, новобаста аз андозаи хароҷоти мутобиқи буҷети тасдиқшуда муайянгардида, мавриди андозбандӣ қарор дода намешавад.

Дар мавриде, ки агар хароҷоти сафаи хизматӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дигари алоқаманд ба фаъолияти соҳибкории ТҒТ пардохта шуда бошад, дар ин ҳолат танҳо ҳамон қисмат мавриди андозбандӣ қарор дода намешавад, ки дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пардохти хароҷоти сафари хизматӣ[17] нишон дода шудааст. Маблағи зиёда аз ин даромади шахси воқеӣ эътироф шуда, тибқи тартиби муқарраркардаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мегардад.

Ба инобат гирифтан зарур аст, ки агар ТҒТ фармоиши иҷтимоии давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришавандаро ба амал барорад, дар ин маврид ҳатто зиёда аз маблағе, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хароҷоти сафарҳои хизматӣ барои кормандони муассисаҳои давлатӣ муқаррар карда шудааст, пардохт кардани хароҷоти сафари хизматӣ мумкин нест.

### *47. ТҒТ уҳдадор аст, ки аз соҳибкорони инфиродӣ андозро нигоҳ дорад?*

[15] Моддаи 110 КА ҶТ
[16] Моддаи 99, қисми 4 КА ҶТ
[17] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2008 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафари хизматии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мавриде, ки агар шахси воқеӣ-соҳибкори инфиродӣ ба ТҒТ тибқи шартнома хизмати муайянеро расонида бошад, дар ин ҳолат ТҒТ ҳангоми пардохти даромад, барои нигоҳ доштани андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ уҳдадор нест.

Дар ин ҳолат ТҒТ уҳдадор аст аз соҳибкори инфиродӣ нусхаи ҳуҷҷатҳои барои ҳисоботи андозӣ зарурӣ: нусхаи шаҳодатнома ё патент, расид дар бораи пардохти андозҳо, ки воқеияти ба таври дахлдор ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз қайди давлатӣ гузаштани шахсеро, ки хизмат мерасонад, тасдиқ менамояд ва расид оиди пардохт гардидани андозҳо дар моҳи ҷориро талаб намояд. Патент бидуни андозҳои пардохтнашуда, ки бо расид тасдиқ мегардад, беэътибор дониста мешавад[18]. ТҒТ инчунин бояд шартномаи хизматрасонӣ ва санади иҷрои корҳоро дошта бошад.

Ба он диққат додан зарур аст, ки соҳибкори инфиродӣ бояд барои расонидани ҳамон хизмат соҳиби патент бошад, ки чунин хизматро ба ТҒТ тибқи шартнома расонидааст. Масалан, агар патент барои фаъолияти тиҷоратӣ бошад, шартнома бо ТҒТ оиди расонидани хизмати тарҷумонӣ, дар ин маврид шахси воқеӣ соҳибкори инфиродӣ оиди расонидани чунин хизмат эътироф намегардад. Дар ҳолате, ки агар соҳибкор фаъолияти худро на дар асоси патент, балки дар асоси шаҳодатнома амалӣ намояд, пас бо он мумкин аст оиди ҳамагуна хизматрасонӣ, ба истиснои фаъолияти таҳти иҷозатномадиҳӣ қарор дошта, шартнома баста шавад.

### *48. ТҒТ дар ҳолати вайрон кардани қонунгузории андоз ба кадом намуди ҷавобгарӣ кашида мешаванд?*

Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории андоз дар боби алоҳидаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст[19].

Ҷавобгарӣ барои намудҳои зерини ҳуқуқвайронкунӣ пешбинӣ гардидааст:

- ***барои саркашӣ аз пардохтани андоз*** ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандӣ ифода ёфтаанд ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳашт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад[20].
- ***барои мавҷуд набудани баҳисобгирии муҳосиботӣ*** ё пешбурди он бидуни риояи тартиби муқарраргардида, таҳрифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани ҳисобот ва тавозуни муҳосиботӣ, ҳисобҳо, эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ ва шахсони ҳуқуқӣ (ТҒТ) аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад[21].

---

[18] Тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд аз 31 августи соли 2012.

[19] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 (КҲМ)

[20] Моддаи 599, қисми 1 КҲМ ҶТ

[21] Моддаи 599, қисми 2 КҲМ ҶТ

- ***барои иҷро накардани талаботи қонунии шахсони мансабдори мақомоти андоз*** ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф мегардад, ки боиси таъин гардидани ҷазои маъмурӣ ҳам нисбати шахсони мансабдор ва ҳам нисбати ТҒТ мегардад[22].
- ***барои риоя нашудани мӯҳлати муқарраршудаи*** пешниҳоди эъломияҳои андоз ва ҳисоботи андоз низ боиси таъин гардидани ҷарима нисбати ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ мегардад[23].
- ***барои риоя нашудани мӯҳлати муқарраршудаи*** пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоботи андоз ва (ё) дигар намудҳои ҳисоботи марбут ба андоз, яъне ба таъхир гузоштан дар муддати то 10 рӯзи корӣ, боиси таъин гардидани ҷарима ба шахсони мансабдор аз панҷ то ҳафт ва ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз бисту панҷ то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, мегардад.
- ***барои ба таъхир мондани муҳлати*** пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоботи андоз ва (ё) дигар намудҳои ҳисоботи марбут ба андоз дар муддати аз 10 то 30 рӯзи корӣ боиси таъин гардидани ҷарима нисбати шахсони мансабдори ТҒТ аз ҳафт то даҳ ва ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз чилу панҷ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, мегардад[24].
- ***барои ба таъхир мондани муҳлати*** пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоботи андоз ва (ё) дигар намудҳои ҳисоботи марбут ба андоз дар муддати зиёда аз 30 рӯзи корӣ боиси таъин гардидани ҷарима нисбати ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз навад то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, мегардад[25].

Ғайр аз ин,

- ***риоя накардани тартиби*** нигоҳ доштан ё нигоҳ надоштани андоз дар манбаи пардохт[26];
- ***риоя накардани мӯҳлати*** бақайдгузорӣ дар мақомоти андоз[27];
- ***нишон надодан ё нодуруст нишон додани*** рақами ягонаи мушаххас ва рақами мушаххаси андозсупоранда дар эъломияҳои андоз ва гумрук, ҳисобнома-фактураҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи Кодекси андоз[28];
- ***кам нишон додани маблағи андоз***[29];
- ***пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани*** санади муқоисавии ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила[30];
- ***монеъ шудан ба санҷиши андоз***[31];
- ***ба мақомоти андоз пешниҳод накардани*** маълумоти зарурӣ[32] ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ оид ба андоз боиси таъин гардидани ҷарима тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

[22] Моддаи 600 КҲМ ҶТ
[23] Моддаи 601, қисми 1 КҲМ ҶТ
[24] Моддаи 601, қисми 2 КҲМ ҶТ
[25] Моддаи 601, қисми 3 КҲМ ҶТ
[26] Моддаи 602 КҲМ ҶТ
[27] Моддаи 603 КҲМ ҶТ
[28] Моддаи 604 КҲМ ҶТ
[29] Моддаи 605 КҲМ ҶТ
[30] Моддаи 607 КҲМ ҶТ
[31] Моддаи 611 КҲМ ҶТ

## 4. МАСЪАЛАҲОИ АЛОҚАМАНД БА САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ ТҒТ

**Ҳангоми санҷиш худро бояд чӣ гуна идора кард - *донистани ин зарур аст.***

Санҷиш метавонад нақшавӣ ва ғайринақшавӣ бошад ва мумкин аст дар шакли санҷиши ҳуҷҷатӣ ё (ё ин ки) сайёр гузаронида шавад. Санҷиши ҳуҷҷатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти назоратӣ ва санҷиши сайёр дар маҳалли ҷойгиршавии ТҒТ гузаронида мешавад. Санҷиши нақшавӣ на зиёда аз як маротиба дар ду сол гузаронида мешавад.

ТҒТ дар хусуси санҷиши гузаронидашаванда аз ҷониби мақомоти назоратӣ на дертар аз се рӯзи корӣ то оғози санҷиш хабардор карда мешавад.

Барои ошно шудан бо тартиби санҷиши фаъолияти ТҒТ, ба Шумо шинос шудан ба нашрия оид Санҷиши фаъолияти ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ассосиатсияи ҳуқуқшиносони Помир (LAP) таҳия шудааст, тавсия медиҳем. Нашрияи мазкурро метавонед аз сомонаи www.tajikngo.tj, www.notorture.tj дастрас намоед.

### *49. Худро бояд чӣ гуна идора кард, агар назди Шумо санҷишгар ояд?*

Донистан зарур аст, ки шахсони мансабдори мақомоти назоратӣ дар мавриди гузаронидани санҷиш ҳуқуқ надоранд санҷиши нақшавӣ ва ғайринақшавии сайёрро бе иштироки намояндаи Шумо гузаронанд. Аз муқаррароти умумӣ гузаронидани санҷиш тибқи асос оиди расонидани зарар ба ҳаёт, саломатии шаҳрванд, зарар ба ҳайвонот, растаниҳо, муҳити зист, ба объектҳои мероси фарҳангӣ, амнияти давлат, инчунин рух додани вазъияти фавқулоддаи хислати табиӣ ва техногенӣ дошта, итисно мебошад.

Санҷиши сайёр бо нишон додани шаҳодатномаи хизматӣ аз ҷониби санҷишгар ва супоридани фармоиш (фармон) дар бораи гузаронидани санҷиш, оғоз мегардад. Санҷиш бояд аз ҷониби шахсони мансабдоре гузаронида шавад, ки дар фармоиш (фармон) дар бораи гузаронидани санҷиш нишон дода шудаанд.

Донистан муҳим аст, ки Шумо ҳуқуқ доред:

- нусхаи фармоиш (фармон)-ро дар бораи гузаронидани санҷиш талаб намоед;
- ба бинои ташкилот танҳо ворид гардидани шахсони дар фармоиш (фармон) нишон дода шударо, ҳангоми бо худ доштани шаҳодатномаи хизматӣ иҷозат диҳед;
- танҳо ҳамон маълумот ва иттилоотеро пешниҳод намоед, ки дар дархост (фармоиш дар бораи гузаронидани санҷиш) номбар гардидаанд ва ба мавзӯи санҷиш мутобиқат менамоянд;
- ҳуҷҷатҳои дахлдорро ба санҷишгар танҳо дар асоси рӯйхати тартибдодашуда ва гирифтани имзои он супоред;
- тибқи имконият, дар асоси огоҳ кардани санҷишгар сабти аудио/видеоии раванди санҷишро пеш баред;
- риоя шудани мӯҳлати санҷишро назорат кунед;
- нисбати амали ғайриқонунии санҷишгар бидуни таъхир эътирози асоснок оред ё аз болои он шикоят кунед;

---

[32] Моддаи 616 КҲМ ҶТ

- эроди худро оиди ҳамагуна ҳолати вайрон кардани тартиби гузаронидани санҷиш ва амалҳои ғайриқонунии санҷишгар дар санади санҷишӣ бо итмоми санҷиш дарҷ намоед

### *50. Санҷиш чӣ гуна оғоз мегардад?*

Пеш аз оғози санҷиш уҳдадоранд Шуморо бо ҳуҷҷате, ки барои гузаронидани санҷиш асос аст (амр, қарор, фармон), салоҳияти шахсе, ки санҷишро мегузаронад, ҳадаф, вазифа ва асосҳои гузаронидани санҷиш, намудҳо ва ҳаҷми чораҳои марбут ба санҷиш, ҳайати коршиносон, намояндагони ташкилоти экспертии ба санҷиш ҷалб гардида, мухлат ва шартҳои гузаронидани он, шинос намоянд.

Нусхаи пешниҳодгардидаи фармоиш (амр, фармон)-ро дар бораи гузаронидани санҷиш бодиққат омӯзед. Дар он ҳадаф, вазифа, мавзуъ ва мухлати гузаронидани санҷиш, санаи оғоз ва анҷом, асоси ҳуқуқии гузаронидани санҷиш, номи ташкилоти Шумо, номи санҷишгарон, инчунин намуди санҷиш бояд нишон дода шуда бошад.

Мақомоти назоратӣ бояд бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ дар Китоби бақайдгирии санҷиши субъектони хоҷагидор (минбаъд Китоби бақайдгири санҷиш) қайди дахлдорро гузоранд.

Шумо уҳдадоред ба шахси мансабдоре, ки санҷишро мегузаронад, имконияти шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои дар фармоиш номбар гардидаро фароҳам оред, инчунин дастрасии онро ба ҳудуди ташкилот ва дигар объекти таҳти санҷиш қароргиранда таъмин намоед.

Бо ба анҷом расидани санҷиш, Шумо ҳуқуқ доред бо натиҷаи он шинос шавед ва дар он розӣ будан ё розӣ набудани худро баён намоед.

Баъди гирифтани санад, Шумо ҳуқуқ доред ба мақомоти назораткунанда эроди худро дар шакли хаттӣ, бо ба таври ҳатмӣ замима кардани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод кунед.

### *51. Уҳдадории ТҒТ ҳангоми гузаронидани санҷиш*

Дар мавриди мувофиқи қонунгузорӣ гузаронидани санҷиш аз ҷониби мақомоти назораткунанда, муҳим аст ба он муосидат карда шавад ва бо санҷишгарон муколама барқарор карда шавад.

ТҒТ бояд ба шахси мансабдори мақомоти назораткунанда, ки санҷишро мегузаронад, имконияти шинос шудан ба ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба ҳадаф, вазифа ва мавзуи санҷиши сайёрро фароҳам орад.

Ғайр аз ин, ТҒТ бояд дастрасии шахсони мансабдор ва экспертони дар раванди санҷиш иштирокунандаро ба ҳудуди ташкилот таъмин намоянд.

ТҒТ, инчунин роҳбарони онҳо, ки вайронкунии қонунгузориро роҳ додаанд, ба гузаронидани санҷиш бидуни асоси кофӣ монеъа эҷод мекунанд, аз гузаронидани санҷиш саркашӣ менамоянд, амри мақомоти назораткунандаро дар бораи бартараф кардани вайронкуниҳои ошкоршуда дар мухлати муқарраргардида иҷро намекунанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

### *52. Маҳдудиятҳо ҳангоми гузаронидани санҷиш*

Ба шахсони ваколатдори мақомоти назораткунанда манъ карда мешавад:

- иҷро гардидани талаботи ҳатмиро санҷад, агар чунин талабот ба салоҳияти санҷишгарон дохил нагардад;
- аз ТҒТ бевосита, ҳангоми гузаронидани санҷиш дар шакли нақдӣ ҷарима ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ситонад. Ҳамагуна ҳисоббаробаркунӣ бояд танҳо тавассути суратҳисобҳои дахлдор ва муассисаҳои қарзӣ-хазинавӣ гузаронида шаванд;
- талаб кардани пешниҳоди ҳуҷҷат ва иттилооте, ки объекти санҷиш нест ё ба предмети санҷиш алоқаманд нестанд, инчунин гирифтани нусхаи асли чунин ҳуҷҷатҳо.
- гирифтани намунаи ҳуҷҷатҳо бидуни барасмиятдарории протокол ё санад.

### *53. Ба куҷо муроҷиат кард, агар ҳангоми гузаронидани санҷиш талаботи қонун вайрон карда шавад?*

Агар Шумо тахмин кунед, ки мақомоти назораткунанда ҳангоми гузаронидани санҷиш бо амали (беамалии) худ ҳуқуқҳоятонро поймол менамояд, Шумо метавонед амали (беамалии) онро мавриди шикоят қарор диҳед ва бо аризаи дахлдор муроҷиат намоед:

- ба шахси мансабдори мақомоти болоии мақомоти давлатии назораткунанда;
- ба мақомоти прокуратураи маҳалли ҷойгиршавии мақомоти назораткунанда
- ба суд.